Нусха аз суратмаҷлиси №5
оид ба баргузории ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 07 ноябри соли 2024 ш. Душанбе

ИШТИРОК ДОШТАНД:

муовини аввали сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Ализода А.Ш., д.и.ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р., н.и.ҳ., дотсент Мансурзода А.М., н.и.ҳ., дотсент Сафарзода Ҳ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Абдурашидзода А.А., н.и.ҳ., дотсент Ҳайдарзода М.П., н.и.ҳ., дотсент Самиев Н.М., н.и.ҳ., дотсент Заробидинзода С.З., н.и.ҳ, Нарзуллозода С.С., доктори фалсафа (PhD) дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ Ҳусейнзода С.Ҳ., дотсенти кафедра Аҳёзода Ш.Т., дотсенти кафедра Файззода С.Ф., муаллимони калони кафедра Сунатуллозода У.С., Давлатзода Ҳ.М., Ҳайдарзода Д.П., муаллимони кафедра Саидзода М.А., Карамшозода Ф.Ш., Наҷмиддинов Ҳ.Қ., Акбарзода А. ва сардори кабинети кафедра Ҷононаи З.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

2. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзӯи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Раискунандаи ҷаласа н.и.ҳ., Ализода А.Ш., ишроз намуданд, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзӯи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки зери роҳбарии н.и.ҳ., дотсент Сафарзода Ҳ.С. омода гардидааст, ташкил медиҳад.

Барои баён намудани мубрамияти мавзӯъ, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола, сухан ба унвонҷӯ Аҳёзода Ш.Т. дода шуд. (Баромад замима мегардад).

Баъди баромади Аҳёзода Ш.Т. аз ҷониби устодони кафедра ва дигар иштирокчиёни маҷлис ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои мушаххасу қаноатбахш гардонид.

Сипас роҳбари илмии унвонҷӯ, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Сафарзода Ҳ.С., баромад намуда, нуктаҳои асосии тақризи мусбии худро баён намуд.

Раискунандаи ҷаласа Ализода А.Ш. қайд намуд, ки бинобар сабаби Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амал мекунад ва тибқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷаласаи кафедра намояндаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доранд ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Камолов З.А. муваззаф гардида буданд, ки рисолаи мазкурро пурра мутолиа намуда, хулосаи ниҳоии худро пешниҳод намояд.

Инчунин, нусхаи рисола ба устодони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсент Абдурашидзода А.А. н.и.ҳ., дотсент Ҳайдарзода М.П. баҳри таҳлилу омӯзиши сифати кор пешниҳод шуда буд. Аз устодони мазкур хохиш карда шуд, ки андешаҳои худро оид ба рисола иброз намоянд. Нахуст сухан ба н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Аҳёзода Ш.Т. иброз намуда, зикр намуд, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шуда, мавзӯи мубрам мебошад. Дар баробари ин, баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст. Дотсенти кафедра, н.и.ҳ., дотсент Абдурашидзода А.А. дар навбати худ қайд намуд, ки рисола дар маҷмуъ дар сатҳи хуб омода гардидааст. Баъзе камбудиҳо ва норасоиҳое, ки дар муҳокимаҳои қаблӣ ҷой доштанд, аз ҷониби унвонҷӯ бартараф карда шудаанд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо мумкин аст, ки ин диссертатсия ба ҳимоя тавсия карда шавад. Сипас, н.и.ҳ., дотсент Ҳайдарзода М.П., баромад намуда, қайд намуд, ки кори илмии уновонҷӯи кафедра Аҳёзода Ш.Т. ба талабот ҷавобгӯ буда, тавсияҳои аз ҷониби ӯ коркардшуда баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат хоҳанд кард. Ҳайдарзода М.П. иброз намуд, ки дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст. Камбудӣ ва норасоиҳои эродгирифташуда пурра бартараф карда шудаанд. Талаботҳои пешбининамудаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта маънидод намуд. Раискунандаи ҷаласа н.и.ҳ. Ализода А.А. низ андешаҳояшро оид ба таҳқиқоти диссертатсионии мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, ӯ қайд намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асоси хулосаҳои иброзшуда метавон онро ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Ҳамин тавр, аз руӣ ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин

қарор қабул намуд:

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руӣ ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 21 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протокол аз 7 ноябри соли 2024, №5

Раискунандаи ҷаласа:
муовини аввали сардори
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., полковники милитсия Ализода А.Ш.

Котиби ҷаласа:
сардори кафедраи мурофиаи
ҷиноятии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., подполковники милитсия Нарзуллозода С.С.

Имзои Ализода А.Ш. ва Нарзуллозода С.С -ро
тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Камолӣ З.Б.
«07» ноябри соли 2024